# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №___
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 08-уми апрели соли 2021, №27**

Барои сазовор донистани Набиева Меҳрангез Назаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «**Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик 24-уми декабри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Набиева Меҳрангез Назаровна 21-уми ноябри соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи муҳаррири Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
2. **Аминов Азим Садыкович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Н.С. Шамсов имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ж. Гулназарзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «**Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик**» ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона мебошад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ, баррасию муҳокимаҳои

боэътимод таълиф шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду фишурда дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Набиева, М. Назаре ба зиндагиномаи Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2014. – №3/9 (154). – С.257-259.

[2-М]. Набиева, М. Шинохти Садриддин Айнӣ аз нигоҳи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. -Душанбе, 2015. -№4/7 (180). -С.163-167.

[3-М]. Набиева, М. Назари Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба бозтоби арзишҳои миллӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/7. – С. 195-198.

[4-М]. Набиева, М. Таъсирпазирии шоирони давраи нави адабиёти тоҷик аз осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пажӯҳиши устод Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. – Қисми II. – С. 189-194.

[5-М]. Набиева, М. Таҳқиқу баррасии назми муосири тоҷик дар пажӯҳиши М.Шакурӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С.175-178.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмӯаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар**

[6-М]. Набиева М. Истиқболи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ аз Садриддин Айнӣ / М. Набиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

[7-М]. Набиева М. Ақидаҳои М. Шакурӣ доир ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ («Намунаи адабиёти тоҷик») / М. Набиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе, 2019.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тағаймуродов Рустам Ҳакимович дар тақризи худ баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (с. 3, 4, 5, 8, 9, 10, 12, 14, 15, 17) ва харобии мантиқи ҷумла (аз қабили ҷумлаи дуюми сархатти дуюми саҳифаи 19)-ро ишора намуда, дар маҷмӯъ, диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез Назаровна кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ донистааст.

2. Тақризи мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд:

1) Дар саҳифаи 22-и фишурдаи рисола, дар бахши таҳлилу баррасии насри С.Айнӣ иқтибосҳои зиёде истифода шудааст, ки эҳтиёҷ ба бознигарӣ дорад;

2) Дар саҳифаҳои 9, 13 такрори фикр; услуби ҷумла дар саҳафоти 5, 8, 10, 19, 20 ва ғайраҳо вайрон буда, хатоҳои имлоӣ ва китобатӣ дар саҳифаҳои 5, 6, 20, 22... ба назар мерасанд.

3. Дар тақризи дигар, ки аз номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна мебошад, диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез Назаровна кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дониста шуда, дар матни автореферат баъзан роҳ ёфтани ғалатҳои имлоӣ ва китобиву техникӣ зикр гардидааст.

4. Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии АМИТ Сӯфиев Шодиаҳмад Зикриёевич низ диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез Назаровна кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дониста шудааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Набиева Меҳрангез Назаровна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли фаъолияти илмии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба таҳлилу таҳқиқи таҳаввули илми адабиётшиносии тоҷик

пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Пажӯҳиши масъалаи мазкур дар асоси таҳқиқоти илмии адабиётшинос ва соири осори аз тарафи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба фаъолияти адабиётшиносии М.Ш. Бухороӣ бахшидашуда бори аввал аз нигоҳи интиқодӣ дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Таҳқиқу баррасии осори илмии академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ҳамчун фарогири муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносии тоҷик дар садаи XX ва ибтидои садаи XXI, чун заминаи боэътимод хизмат намудани адабиёти куҳан дар пешрафту таҳаввули адабиёти давраи навин, ба миён гузоштани зарурати таҷдиди назар ба адабиёти даврони шӯравӣ дар фаъолияти М.Ш. Бухороӣ, ба мутахассисон пешниҳод намудани роҳу усулҳои нави таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ аз тарафи муҳаққиқ, баррасӣ намудани масъалаҳои сабку услуби насри давраи нави тоҷик, дар мисоли эҷодиёти адибони ҷудогона ва асоснок кардани гуногунии сабки фардии онҳо, ба таҳқиқ фаро гирифтани насри андеша ва заминаҳои пайдоиш ва инкишофи он дар адабиёти тоҷик дар асоси дастовардҳои назарияпардозони рус ва Аврупо ва муайян намуани роҳҳои пайдоиш ва инкишофи шеъри нав дар адабиёти тоҷик ва марҳалаҳои рушди он дар нимаи аввали садаи XX чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд.**

Муҳаққиқ ба масъалаҳои таъсири адабиёти шифоҳии халқ ба осори адабӣ, ҳамчун заминаи боэътимод хизмат намудани адабиёти классикии тоҷик ба таҳаввулу пешрафти адабиёти давраи навини тоҷик, дар қолабҳои гуногуни анъанавӣ ҷойгузин гардидани мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсии замони ҳукмрон аҳаммияти бештаре зоҳир намудааст.

Ин донишманд тавонист дар тӯли фаъолияти илмии хеш як мактаби бузурги адабиётшиносиро бо равиши хосса таъсис бидиҳад. Таҳлилҳои объективона ва воқеъбинона, нуқтаи назар ва равиши таҳқиқи муҳаққиқ М.Ш. Бухороӣ аз дигар адабиётшиносон фарқ мекунад, ки дар таърихи адабиёти тоҷик **исбот гардидааст**.

Масъалаҳои таъйини навовариҳои муҳаққиқ дар илми адабиётшиносӣ, таъсис додани равиши хоссаи пажӯҳиш ва назарияҳои илмиву адабӣ, моҳият, усул, сабки таҳқиқ ва саҳми ӯ дар омӯзиши масоили таърихи адабиёти тоҷик **хуб мушаххас шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ ҷойгоҳ ва арзиши осори ба таърихи адабиёти тоҷик бахшидаи академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро дар адабиётшиносии садаи XX тоҷик муайян намуда, таъсири самарабахши онро дар рушду нумуи минбаъдаи илмҳои филологии тоҷик нишон медиҳад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, И.С. Брагинский, О. Исматӣ, Ҳ. Юсуфӣ, Л. Бузургзода, Х. Мирзозода, А.Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, С. Табаров, А. Маниёзов, Л.Демидчик, Р. Мусулмониён, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов,

А.Раҳмонзода, М. Имомзода, А. Маҳмадаминов, А. Худойдодов, М. Мирзоюнус, Ю. Акбарзода, А. Абдуманнон ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, принсипҳои таърихӣ ва дигар ҷараёнҳои инноватсионие, ки дар таҷрибаи корҳои илмӣ мусбат арзёбӣ шудаанд, **истифода карда шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ **асоснок карда шудааст.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ ҷойгоҳ ва арзиши осори ба таърихи адабиёти тоҷик бахшидаи академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар илми адабиётшиносии садаи XX тоҷик **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 7 сол дар баробари фаъолияти муҳаррирӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои донишгоҳӣ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 5 мақолаи илмӣ мебошад, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2021 дар бораи ба Набиева Мехрангез Назаровна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 17 нафар иштирок ҷамуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 17 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.
08 апрели соли 2021